# Ҳукумати Ҷопон ба ифтихори 30-солагии Истиклолияти давлатии Точикистон дар соли 2021 41 лоиҳаро амалӣ кард

**Имруз, 25-уми ноябри соли 2021, бо маблағи умумии 244,443 доллари ИМА ба 2 манфиатбарандагон дода шуд**

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

25-уми ноябри соли 2021 дар Сафорати Ҷопон маросими ба имзорасонии ду лоиҳаи нав баргузор гардид. Созишномаҳои грантӣ байни Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷ-би **МИЯШИТА Такаюки** ва намояндагони мақомотҳои пазирандаи кӯмакҳо ба имзо расиданд. Маблағи умумии кӯмакҳои бебозгашти Ҳукумати Ҷопон барои ин лоиҳаҳо **244,443 доллари ИМА**-ро ташкил медиҳад.

Ду лоиҳаи нав дар чаҳорчӯбаи Барномаи Ҳукумати Ҷопон оид ба кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GGP) маблағгузорӣ мешаванд:

- **«Лоиҳаи сохтмони Бунгохи тиббӣ дар деҳаи Навандарсой, ҷамоати Т. Улҷабоев, ноҳияи Спитамен»** бо **ҷ-би Темурҷон НУМОНЗОДА**, раиси ноҳияи Спитамен ба маблағи **121,869 доллари ИМА,** ба имзо расид;

- **«Лоиҳаи сохтмони бинои нави шуъбаи бемориҳои сироятии Беморхонаи маркази ноҳияи Тоҷикобод"** бо **ҷ-би Қадриддин ФАҚЕРЗОДА,** раиси ноҳияи Тоҷикобод ба маблағи **122,574 доллари ИМА,** ба имзо расид;

Зимни суханронӣ дар маросим, **ҷ-би МИЯШИТА Такаюки** қайд намуданд, ки "Имрӯз ман хеле шодам, ки ду шартномаи иловагии грантиро ба имзо мерасонем, ки ин имкон медиҳад як бунгоҳи тиббӣ ва як шӯъбаи бемориҳои сироятӣ бунёд карда шавад. Ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, дар давоми соли ҷорӣ аллакай 21 лоиҳаи навро дар Тоҷикистон супоридам. Ғайр аз ин 21 лоиҳа, шумораи шартномаҳои грантӣ, ки ман дар давоми соли ҷорӣ ба имзо расонидам, имрӯз ба 20 адад расид. Ман хеле шодам, ки мо дар соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 41 лоиҳаи нави GGP сафарбар кардем. Бинои нави беморхона ва таҷҳизоти баландсифате, ки тибқи созишномаи имрӯза пешбинӣ шудаанд, ба ташхиси дақиқи табибон ва муолиҷаи бароҳату муассир барои беморон мусоидат мекунанд. Умедворам, ки бино ва таҷҳизот дуруст нигоҳ дошта шуда, солҳои тӯлонӣ ба зиндагии солими мардуми Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард".

Дар соли ҷорӣ маросими супоридани 21 лоиҳа ва қарордодҳои грантии 20 лоиҳаи нав аз ҷониби ҳукумати Ҷопон ба имзо расид.

Ҳукумати Ҷопон нияти идомаи додани дастгирӣ барои сохтани ҷомеаи беҳтар барои ҳамаро дорад ва кӯшиш менамояд, ки бо мардуми Тоҷикистон якҷоя кор кунад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ "GGP" тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Алалхусус, лоиҳаҳои кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ барои дастгирӣ намудани соҳаҳои мухталифи бахши аъзами аҳолӣ дар сартосари Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои*

*бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***439*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$36*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)







